# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович дар мавзуи «Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

1. Арзишмандии таҳқиқоти мазкур дар он аст, масъалаи нақши осорхонаҳои мактабӣ дар тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бори аввал мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Таҳқиқ ва омӯзиши пурраи илмӣ оид ба тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасон ба воситаи осорхонаҳои мактабӣ дар илми педагогикаи тоҷик аҳамияти илмӣ дошта, барои корҳои минбаъдаи илмӣ, барои ҷорӣ намудани тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон, барои рушду ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ёрӣ мерасонад ва ҳамчун дастури таълимӣ, маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, қомуснома ва солномаҳои таърихӣ ба монанди роҳнамо ва дастур дар соҳаи илми педагогика истифода бурда шавад.

Дар диссертатсия масъалаҳои истифодаи усули гуногуни тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, ҷиҳати ғанигардонии методологияи таълим, бо роҳи истифода аз моделҳои дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии равишҳои таълими хусусияти ҳувияти миллидошта таҳқиқ шуда, барои омӯзгорон, унвонҷуён, донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти амалӣ дорад.

Диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ барои тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ истифода намуд. Натиҷаи кори илмиро метавон дар муайян намудани мавҷудияти сатҳи салоҳияти хонандагон, равишҳои самараноки тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактаб татбиқ кард.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро ва муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 23.10.2023, №10).

Шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода аст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60-и Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори диссертатсионӣ усули тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ барои рушди низоми таҳсилоти ватанӣ пешниҳод шудааст. Ин имкон медиҳад, ки аз як тараф алоқаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклҳои ташкили таълим ва аз тарафи дигар усулҳои таълим аз тарафи дигар муайян карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад, бо равишҳои назариявӣ ва методологӣ, дурустӣ ва мувофиқати онҳо ба масъалаи илмӣ ва мавзуи таҳқиқот, яъне раванди ташаккули тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ мусоидат кунад.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович дар мавзуи «Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ» ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла ба банди 1 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ) ва банди 4 - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад, ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 14 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои

барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович дар мавзуи «Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

**- Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ**

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

Ба сифати муқарризони расмӣ: **Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор" ва **Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сайёҳӣ Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҳимзода Х.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П.М.

номзади илмҳои педагогӣ Туронов С.Ш.

28.11.2023

Имзои Раҳимзода Х., Лутфуллоева П.М. ва Туронов С.Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.